## СУРАТМАҶЛИСИ №99

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

14 октябри соли 2025 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст, иштирок доранд 14 нафар, аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Бо сабабҳои узрнок академик Маҳмудзода М.А. ва профессор Муртазозода Ҷ.С. дертар ба Шуро ҳозир мегарданд. Пешниҳод карда мешавад, ки ҷаласаи Шуро кушода эълон шавад. Марҳамат, ягон пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Қарор қабул карда шуд, ки ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ кушода эълон шавад.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

**Роҳбари илмӣ:**

Сафарзода Бахтовар Амиралӣ – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус.

**Муқарризони расмӣ:**

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Мансурзода Амиршоҳ Мансур –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Сардори факултети №2-Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар – Муассисаи таҳсилоти олии касбии «Академия идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Кӣ ба рӯзномаи ҷаласа тарафдор аст, хоҳишмандем овоз диҳед. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Ҳама тарафдор мебошанд.

Сухан ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ Кодиров Н.А. доир ба пешниҳод намудани маълумотномаи мухтасар дар бораи довталаби дараҷаи илмӣ.

**Раис**: Ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ Қодиров Н.А. ягон савол ҳаст, доир ба ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва маълумотномаи мухтасар дар бораи унвонҷӯ? Савол нест.

Сухан ба диссертант Исозода Баҳодур Чиллахон оид ба муҳтавои асосии диссертатсия дода мешавад.

**Исозода Б.Ч. -** баромад кард.

**Раис:** Ба диссертант, ки савол дорад? Холиқзода А.Ғ., Ғафурзода А.Д., Ғаюрзода Ш.К., Назаров А.Қ.

**Исозода Б.Ч.** ба саволҳо ҷавоб дод.

**Раис:** Боз савол ҳаст ба диссертант? Савол нест.

Сухан ба роҳбари илмии диссертант доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Сафарзода Бахтовар Амиралӣ дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раис:** Сухан ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ, Қодиров Н.А., барои қироати хулосаи кафедра, тақризи муассисаи пешбар, тақризҳое, ки ба автореферати диссертатсия фиристода шудаанд, дода мешавад.

Котиби Шуро қироат мекунад:

1. Хулосаи кафедра.
2. Тақризи муассисаи пешбар.
3. Тақризҳои воридшуда.

**Раис:** Барои ҷавоб додан ба эродҳои тақризи муассисаи пешбар ва тақризҳои воридгашта сухан ба диссертант дода мешавад.

**Исозода Б.Ч.** – баромад кард.

**Раис:** Сухан ба муқарризи расмии якум: Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн – доктори илмҳои ҳуқушиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раис:** Сухан ба диссертант барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмии якум дода мешавад.

**Исозода Б.Ч.** – баромад кард.

**Раис:** Сухан ба муқарризи расмии дуюм: Мансурзода Амиршоҳ Мансур – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Сардори факултети №2-Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад (тақриз замима мегардад).

**Раис:** Сухан ба диссертант барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмии дуюм дода мешавад.

**Исозода Б.Ч.** – баромад кард.

**Раис:** Ба мубоҳиса мегузарем. Ки хоҳиши иштирок намудан дар муҳокимаи диссертатсияро дорад. Шарофзода Р.Ш., Холиқзода А.Ғ., Ғафурзода А.Д.

**Раис:** Кӣ боз хоҳиши баромад намудан дар муҳокимаи диссертатсияро ба ҳайси муқарризи ғайрирасмӣ дорад?

Марҳамат сухан ба профессор Диноршоҳ А.М. дода мешавад.

Ба диссертант сухани хотимавӣ дода мешавад.

**Исозода Б.Ч.** – баромад кард.

**Раис:** Ҳамин тариқ, муҳокимаи диссертатсия анҷом меёбад. Ба расмиёти овоздиҳии пинҳонӣ мегузарем. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ интихоби комиссияи ҳисоб зарур аст.

Ба ҳайати комиссияи ҳисоб аъзои зерини шурои диссертатсионӣ интихоб шуданд: Мирзозода П.З., Назаров А.Қ., Диноршоҳ А.М.

Дигар пешниҳод нест? Нест. Кӣ чунин ҳайати комиссияро тарафдор аст, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Ҳама тарафдор аст.

Аз ҳайати комиссияи ҳисоб хоҳиш карда мешавад, ки фаъолияти хешро амалӣ намояд. (Овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

**Раис:** Барои қироати натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, сухан ба раиси комиссияи ҳисоб доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзозода П.З. дода мешавад.

Қироати суратмаҷлиси комиссияи ҳисоб.

**Раис:** Барои тасдиқи суратмаҷлиси комиссияи ҳисоб, ки тарафдор аст, ҳоҳиш карда мешавад, ки овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест. Ҳама тарафдор.

Ба қабули матни хулоса оид ба диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон, ки ба аъзои шурои диссертатсионӣ тақсим карда шудааст, мегузарем. Аз ҷониби аъзои шурои диссертатсионӣ ягон эрод, пешниҳод ё илова ҷой дорад?

**Раис:** Кӣ ба хулосаи шурои диссертатсионӣ тарафдор аст, марҳамат овоз диҳад. Муқобил, бетараф – нест. Қарор бо як овоз қабул шуд. (Хулосаи Шурои диссертатсионӣ замима мегардад).

**Раис:** Иҷозат диҳед, қарори шурои диссертатсиониро оид ба ҳимояи диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон қироат намоям.

## ҚАРОРИ
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**14 ноябри соли 2025** **ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 таҳқиқоти диссертатсионии Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) (роҳбари илмӣ: Сафарзода Бахтовар Амиралӣ – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус), пешниҳод шудааст, ҳамчунин тақризи муассисаи пешбар Муассисаи таҳсилоти олии касбии «Академия идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн – доктори илмҳои ҳуқушиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии

давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; Мансурзода Амиршоҳ Мансур – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Сардори факултети №2-Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромади аъзоёни шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон Шарофзода Р.Ш., Холиқзода А.Ғ., Ғафурзода А.Д. ва муқарризи ғайрирасмӣ, профессор Диноршоҳ А.М.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳ будан, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудаанд, мувофиқат мекунад.
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Исозода Баҳодур Чиллахон дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба Исозода Баҳодур Чиллахон аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш менамоем, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 15 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.